ТДУ: 659+654.19(575.3)

Ба ҳуқуқи дастнавис

**МАНОНОВА МУСЛИМА НУСРАТОВНА**

# МАХСУСИЯТИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ХАБАРИИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

(дар мисоли барномаҳои иттилоотии “Ахбор”-и телевизиони “Тоҷикистон” ва “Навид”-и Муассисаи давлатии телевизиони “Сафина”)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика

Душанбе – 2019

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ҳайдаров Саъдулло –** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна –** доктори илмҳои филологӣ, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

**Соҳибова Барно Нозировна** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири идораи таҳлилии Муассисаи давлатии телевизиони “Ҷаҳоннамо”

**Муассисаи тақриздиҳанда:**

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ҳимоя рӯзи 10-уми октябри соли 2019, соати $14^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо нишонии ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии №10, ошиёнаи 5, толори Шӯрои олимони факултети филология баргузор мегардад.

Бо мазмуну муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо нишонии ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «____» ___________ соли 2019 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент **Гулназарова Ж. Б.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Аҳамияти мавзӯъ.** Дар шароити рақобати иттилоотӣ, ки тамоми давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то дар самти таблиғу ташвиқи ҳадафҳои худ устувор бошанд, телевизион барои таҳти таъсир қарор додани аудиторияи васеъ нуфузи боз ҳам бештар пайдо мекунад, ки вобаста ба ин рушди техника ва технологияи ВАО имконияту шароитҳои васеъ фароҳам меоварад. Таҳқиқоти мазкур фаъолияти техникии мутахассисони соҳа – журналистон, наворбардорон, танзимгарон ва амсоли инҳоро, ки аз ҷониби муҳаққиқон бевосита мавриди пажӯҳишу омӯзиш қарор нагирифтааст, баррасӣ менамояд.

Рушди шабакаи умумиҷаҳонии интернет ва дастрасии васеъ ба он, техника ва технологияи иртиботӣ (аудиовизуалӣ) ва монанди ин шароиту имкониятҳои рақобатпазир гардонидани маводи иттилоотиро таъмин намуда, дар ин замина назди ВАО, аз ҷумла телевизион, талаботи муайян – мавқеъ ёфтан ва устуворӣ дар муборизаҳои иттилоотиро пеш мегузорад. Бинобар ин таҳқиқи ҷараёни таҳаввулот ва дигаргунӣ дар пахши барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии кишвар вобаста ба рушди техника ва технология, шабакаи умумиҷаҳонии интернет ва пешниҳоди роҳҳои истифодаи имкониятҳои техникӣ беш аз пеш аҳамият пайдо менамояд. Айни замон таҳқиқи ин масъала дар журналистикаи тоҷик саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад, зеро асарҳои илмии мавҷуда паҳлуҳои мухталифи ҷанбаи техникии телевизионро пурра инъикос намекунанд.

Барномаҳои иттилоотӣ, ки дар шароити феълӣ самти асосии фаъолияти ҳама гуна ВАО, аз ҷумла телевизионҳои мавриди таҳқикро ташкил намуда, роҳандозӣ намудани ҳадафҳои ҳукумату давлатро бозгӯйӣ ва таблиғу ташвиқ менамоянд, дар шароити рақобати иттилоотӣ доираи фаъолияти худро васеъ карда, сабку услуби хосаи таҳия ва пахш пайдо намудаанд.

Дар шароити рушди мураккаби ҷомеаи муосир, ки самтҳои фаъолияти ҷамъиятӣ васеъ гардида, дар айни замон инъикоси ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ тавассути ВАО аҳамият пайдо менамояд, таҳқиқоти мазкур аввалин пажӯҳишест, ки бо такя ба фактҳои мушаххас усулҳои ба дарки тамошобин расонидани иттилооти соҳавӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ – оморӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва монанди инро дар телевизиони “Тоҷикистон” ва телевизиони “Сафина” тӯли 10 соли охир (2006-2016) аз лиҳози корбурди имкониятҳои техникӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аз таҳқиқу баррасии масъалаҳои мазкур роҷеъ ба техника ва технологияи ВАО, жанрҳои журналистикаи телевизион, композитсияи барномаҳои иттилоотӣ, ҷараёни фаъолияти идораҳои ахбор ва монанди ин маълумоти назариву амалӣ гирифтан мумкин аст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Масъалаҳои вобаста ба телевизион гуногунпаҳлу ва доманадор буда, бо назардошти фаъолияти густурда ба

омӯзишу пажӯҳиши амиқ ниёз доранд. Бахусус, ба мушкилоти техникии телевизион пажӯҳишгарони тоҷик камтар таваҷҷуҳ намудаанд, бо вуҷуди рисолаҳои илмии як зумра муҳаққиқон ва собиқадорони телевизион, ба монанди А. Саъдуллоев, И. Усмонов, А. Азимов, Н. Солеҳов, Ҷ. Саъдуллоев, Г. Умарова, С. Хоҷазод, С. Ҳайдаров, Д. Бобоев, З. Эшматов ва чанде дигарон, ки дар асарҳои таърихӣ, илмӣ-омӯзишӣ ва ёддоштиашон фактҳоеро доир ба таҳаввулот, функсия ва иқтидори техникии телевизион гирдоварӣ намудаанд.

Мавзӯи мазкур дар доираи илмии журналистикаи рус нисбатан мукаммалтар ва амиқтар таҳқиқ гардидааст. Аз ҷумла, дар осори илмии В.Л. Свик, Г.В. Кузнетсов, Р.А. Борецкий, И.М. Дзялошинский, В.В. Егоров, С.А. Муратов, Я.В. Назарова, А. Я. Юровский, В. П. Ситников, Н.К. Карпова, В.В. Ворошилов, Н. И. Утилова, Т. Н. Парсаданова, В.П.Прохоров, Ю. В. Рагулина ва дигарон паҳлуҳои гуногуни фаъолияти техникии телевизионҳои Русия таҳқиқ шуда, дар ин замина маводи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ-омӯзишии фаровон низ рӯйи кор омадааст.

Дар адабиёти илмӣ, таърихӣ, ёддоштӣ, илмӣ-омӯзишии соҳаи журналистика вобаста ба мақсади таҳқиқот маълумоти назарӣ ҷой дода шудааст. Муҳаққиқони тоҷику рус, аз ҷумла Н.А. Голядкин [1994], Н.К. Карпова [1996], Н.И. Утилова [2000], М.Н. Ким [2001], С.А. Муратов [2001], А.Г. Соколов [2001], Г.В. Кузнетсов [2002], В.Саруханов [2002], В.Свик [2002], Т.Н. Парсаданова [2003], Ю.В.Рагулина [2006] ва дигарон, И.Усмонов [2004], М.Муродов [2007], А. Азимов [2013], Б. Соҳибова [2016], М.Р. Ҷураева [2017], И. Ҳамидиён [2019] ва дигарон проблема ва паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ВАО, хоса телевизион, дар самти ташкил ва принсипҳои корӣ, сохтори жанрӣ, муҳтавои барномаҳо ва монанди инро дар таълифоташон нишон додаанд.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон, аз қабили С.А. Муратов [2000], Т.Н. Парсаданова [2002], Р. Абдусаломова [2002], О.Я. Колесниченко [2003], В.В.Ворошилов [2004], И.Г. Катсев [2004], И.Мирзоев [2006], С. Хоҷазод [2007], И. Усмонов ва Д. Давронов [2010], Г.Умарова [2011], З.А. Эшматов [2016] ба таърихи ташкили телевизион ва системаи фаъолияти ширкатҳои телевизионӣ таваҷҷуҳ кардаанд.

Ҳамчунин таълифоти муҳаққиқон ва собиқадорони телевизион П. Стейнли [2000]; К. Гаврилов [2007]; Ж. Годен [2008]; Ҷ. Қуддус [2008]; С. Райт [2009]; Э. Фихтелиус [2008]; И. Усмонов [2009]; А. Саъдуллоев ва М. Шоев [2010]; З. Муъминҷонов [2011; 2012]; Д. Поттер [2011]; С. Қодирӣ [2011]; Д. Бобоев ва С. Ҳайдаров [2017] паҳлуҳои гуногуни фаъолияти телевизион, жанр, забон, техника ва технологияи телевизионро дар бар мегирад.

Омӯзиш ва ташхиси таҳқиқот нишон дод, ки усулҳои таҳия ва пахши барномаҳои иттилоотӣ аз ҷониби муҳаққиқон ё сирф аз нигоҳи техникӣ омӯхта шудааст ва ё ҳамчун фасли иловагӣ дар баррасии моҳияти мавзӯъҳои дигар мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба назари мо,

масъалаи усулҳои таҳия ва пахши барномаҳои иттилоотиро бо назардошти ҷанбаҳои эҷодии фаъолияти телевизион таҳқиқ намудан зарур аст, зеро қолабҳои жанрӣ ва мавзӯи барномаҳо низ дар навбати худ истифодаи имкониятҳои алоҳидаи таҳия – ҷобаҷогузории ҳама гуна маводи телевизионӣ, аз ҷумла маводи ахбориро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин рисола ва осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Г.Н. Вачнадзе [1989], Д.Р. Браун, Ч.М. Файерстоун, Э. Митскевич [1994]; А. Саъдуллоев, С. Гулов [1997], Д. Синетский[1998], А.Г. Соколов [2000]; В.А. Саруханов [2002]; Ҷ. Муқим [2006, 2013], М. Орипова [2009]; Ҷ. Саъдуллоев [2013]; Д. Самадова [2015]; М. Сафарова [2016; 2018]; Б. Абдураҳимов [2017]-ро ном бурдан мумкин аст, ки таҳқиқи жанрҳои ахборӣ, техникаву технологияи ВАО ва дигар паҳлуҳои фаъолияти телевизионро фаро гирифтаанд.

Ҳарчанд таълифоти муҳаққиқони тоҷик дар самти фаъолияти телевизион назаррасанд, ҷанбаи техникии телевизион ба таври мукаммал омӯхта нашудааст, ки ин муҳиммияти мавзӯи мавриди таҳқиқро собит менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқот пажуҳиши ҷиҳатҳои асосии коркард ва пахши маводи иттилоотӣ, уҳдадориҳои ҳайати хабарнигорон, усулҳои гуногун ва навтарини дастгоҳҳои телевизионӣ ва дар ин замина мушкилоту муваффақияти идораҳои ахбори ду телевизиони давлатӣ – телевизиони “Тоҷикистон” ва Муассисаи давлатии телевизиони “Сафина” дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мебошад. Барои мушаххас намудани самти таҳқиқоти худ мо кӯшиш намудем, ки танҳо ба тарзи пешниҳоди нашрҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ намуда, барномаҳои “Ахбор” ва “Навид”-ро бештар аз ҷиҳати истифодаи имкониятҳои техникӣ – технологияи таҳияи сенария, сабт, танзим ва монанди ин баррасӣ намоем. Барои ба даст овардани мақсад иҷрои чунин вазифаҳо дар назар дошта шудааст:

– баррасии омӯзиши мавзӯъ дар журналистикаи ватаниву хориҷӣ;

– муқаррар намудани махсусияти таҳияи барномаҳои иттилоотӣ дар шароити фаъолияти густурдаи телевизион;

– омӯзиши малакаву маҳорати мутахассисони шуъбаи ахбори телевизиони тоҷик вобаста ба таҳияву пешниҳоди барномаҳои “Ахбор” ва “Навид”, дар ин замина пешниҳод намудани усулҳои муассири таҳияи маводи хабарӣ;

– муайян намудани риояи касбият дар амалияи телевизион, омӯхтани имкониятҳои дастгоҳҳои телевизионӣ ва татбиқи ин функсияҳо дар таҳияи барномаҳо;

– таҳлили барномаҳои иттилоотии телевизиони “Тоҷикистон” ва “Сафина” дар самти истифода аз жанрҳо, баррасии мавзӯъҳои мубрами иҷтимоӣ, ошкор намудани ҷолибият ва норасоии ин барномаҳо;

– омӯзиш ва мушаххас намудани мафҳумҳо ва истилоҳоти соҳавӣ дар назарияи журналистика, мавқеи корбурди онҳо дар фаъолияти амалии расонаҳо – таснифи маводи иттилоотӣ аз рӯйи композитсияи жанрии онҳо – хабар, мусоҳиба, репортаж, шарҳ, сюжет ва ғ.;

– бо усули муқоиса нишон додани умумият ва тафовути барномаҳои иттилоотии телевизиони “Тоҷикистон” ва Муассисаи давлатии телевизиони “Сафина”.

**Объекти таҳқиқ** барномаҳои иттилоотии телевизиони “Тоҷикистон” ва Муассисаи давлатии телевизиони “Сафина” мебошад.

**Предмети таҳқиқро** шаклу мундариҷа ва сохтори барномаҳои иттилоотӣ дар телевизион бо истифода аз имкониятҳои техникии соҳа ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмӣ**. Навоварии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки он аввалин пажӯҳишест, бо такя ба далелҳои мушаххас усулҳои ба дарки тамошобин расонидани иттилооти соҳавӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва монанди инро дар телевизиони “Тоҷикистон” ва телевизиони “Сафина” тӯли 10 соли охир (2006-2016) аз лиҳози корбурди имкониятҳои техникӣ мавриди баррасӣ қарор дода, низоми фаъолияти мутахассисони соҳа – хабарнигорон, наттоқон, наворбардорон, танзимгарон, коргардонҳо ва дигар мутахассисони дахлдор ба таври комплексӣ таҳқиқ ва дар ин замина усулу зинаҳои нави таҳияи маводи иттилоотиро муайян менамояд.

**Методҳо ва бунёди назарии таҳқиқ**. Барои муваффақ гардидан ба мақсади гузошташуда аз методҳои омӯзиш, таҳлили муқоисавӣ, мушоҳидаи аналитикӣ, усули хронология самаранок истифода гардид.

Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия ба осори илмии олимони русу тоҷик, аз ҷумла Н.К. Карпова, Н.И. Утилова, М.Н. Ким, С. Муратов, А.Г. Соколов, Р. Борецкий, Г.В. Кузнетсов, В.П. Прохоров, В. Свик, Я.В. Назарова, Т. Н. Парсаданова, Ю.В. Рагулина, А. В. Елехин, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, М. Муродов, Ҷ. Муқим, А. Азимов, С. Гулов, М. Ҷӯраева, И. Ҳамидиён ва дигарон такя карда шуд.

**Нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда:**

1. Дар асоси омӯзиши масъалаҳои назариявии марбут ба мавзӯъ муайян кардани махсусияти жанрӣ ва мавзӯии таҳияи барномаҳои иттилоотӣ дар телевизиони “Тоҷикистон” ва “Сафина”, баррасии масъалаҳои техника ва технологияи коркарди иттилоъ, муносибат ва робитаи аудитория бо идораҳои ахбор, таъсири рақобати иттилоотӣ ба фаъолияти телевизионҳои давлатӣ, масъулият ва ҳадди иҷрои ин ӯҳдадориҳо аз ҷониби дастаи хабарнигорон ва монанди ин.

2. Имконияту функсияҳои техника ва технологияи васоити ахбори омма омӯхта шуда, дар ин замина мавриди тадқиқ қарор додани фаъолияти идораҳои ахбори ду телевизиони давлатӣ нишон дод, ки барои баланд бардоштани нуфузи шабакаҳои телевизионӣ дарёфти роҳҳои

муосири ҷолибсозӣ зарур аст. Аз ҷумла, имкониятҳои пахши мустақим, шабакаи умумиҷаҳонии интернет ва сатҳи касбияти дастаи хабарнигорон ба моҳият ва нуфузи барномаҳои ахборӣтаъсир мерасонад.

3. Ҷанбаҳои мавзӯии барномаи "Ахбор"-и телевизиони "Тоҷикистон" ба вазъияти замон вобастагӣ дошта, муносибати хабарнигоронро нисбат ба воқеоти мавҷудаи иҷтимоӣ дар бар мегирад. Семантикаи фаъолияти наворбардор ба қобили дарк пешниҳод гардидани хабар алоқаманд аст.

4. Фарогирии мавзӯъҳои мубрам, корбурди жанрҳо ва усулҳои пешниҳоди маводи иттилоотӣ аз диди техникӣ, вобастагии натиҷаи фаъолияти хабарнигор ба кори наворбардорону танзимгар ва коргардонҳо, композитсияи сенарияи барномаҳои иттилоотӣ ва тафовути он аз нақшаи кории хабарнигорони телевизионҳои Русия ба масъалаи касбияти дастаи хабарнигорон, шароити иқтисодии телевизионҳо ва принсипи кории шабакаҳои телевизионӣ вобаста буда, ин ҷараён аносири умумӣ ва хоссаеро дар барномаҳои иттилоотии "Ахбор" ва "Навид" ба миён овардааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомада то андозае ҷанбаҳои назарии илми журналистикаро пур карда, дар пайдо кардани маълумоти назариву амалӣ роҷеъ ба техника ва технологияи ВАО, жанрҳои журналистикаи телевизион, композитсияи барномаҳои иттилоотӣ, ҷараёни фаъолияти идораҳои ахбор ва амсоли ин ба муҳаққиқони ҷавон хизмат менамояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро дар ҷараёни таълими фанҳои ихтисосӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ доир ба техника ва технологияи ВАО, махсусиятҳои барномаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин тарбияи журналистони телевизион истифода бурдан мумкин аст.

**Татбиқи амалии диссертатсия.** Мазмуну мундариҷаи таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2014 – 2019) дар шакли маърӯзаҳо пешниҳод гардид. Аз ҷумла: дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ тахти унвони "Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ" (ДМТ, 21. 11. 2014), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии бахшида ба ҷашнҳои "700 - солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ", "Соли оила" ва даҳсолаи байналмиллалии амалиёти "Об барои ҳаёт" (ДМТ, 22. 04. 2015), коференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба соли ҷавонон ва 20-солагии Ваҳдати миллӣ (ДМТ, 21. 04. 2017), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028", "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", "140 - солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ" ва "70 - солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" (24. 04. 2018), конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи "Мушкилоти дастрасӣ ба иттилоот дар воситаҳои

электронии ахбор: дурнамо ва инкишоф” (ДМТ, 6. 03. 2019). Аз 8 мақолаи батабърасонда 4 -тоаш дар нашрияҳои феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда нашр ва феҳристи он дар охири фишурдаи рисола оварда шудааст.

Рисола дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Суратҷаласаи №3, 16. 10. 2018) муҳокима ва ба дифоъ пешниҳод гардидааст.

**Сохт ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, бунёди назарӣ ва методҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариву амалии рисола, апробатсия ва сохтори таҳқиқот зикр шудааст.

Дар боби якуми рисола – **“Баъзе хусусиятҳои барномаҳои иттилоотии телевизион дар шароити муосир”**, ки аз се фасл иборат аст, ҷанбаъҳои назариявӣ ва амалии барномаҳои иттилоотӣ, махсусияти онҳо, рушди техникаву технология ва ташаккули усулҳои нави таҳияи барномаҳои иттилоотӣ, нақши наворбардор ва танзимгар дар таҳияи барномаҳои хабарӣ нишон дода шудааст.

Дар фасли аввали боби якум «**Барномаи иттилоотӣ ва қолабҳои пешниҳоди он**» моҳияти барномаҳои иттилоотӣ, корбурди қолабҳои жанрҳои ахборӣ дар амалияи телевизионҳои мавриди таҳқиқ, тафовут (махсусият)-и барномаҳои иттилоотии телевизиони тоҷик аз шабакаҳои телевизионии хориҷӣ пайгирӣ шуда, паҳлуҳои гуногуни фаъолияти идораҳои иттилоотӣ тӯли як даҳсолаи охир мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бо рушду такомули воситаҳои коммуникатсионӣ ва густариш ёфтани муносиботи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ иттилоот ба воситаи муқтадири тарғибу ташвиқ ва амалӣ намудани аҳдофи гуногун табдил ёфт.

Аз тадқиқот ва пажӯҳишҳо бармеояд, ки аз соли 2000-ум интараф вобаста ба мураккаб ва сершоха гардидани муносибати сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, вусъат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ барномаҳои хабарӣ низ ба таҳаввулоту дигаргунӣ рӯ ба рӯ гардида, қолабҳои нави таҳия ва пахши маҳсули журналистиро ба вуҷуд овардаанд.

Аз ҷумла, ҷиҳати таҳия ва пахши хурдтарин навъи жанри хабар - хроника, ки ягон факти мушаххасро пешниҳоди аудитория мегардонад, дар телевизионҳои мавриди таҳқиқ аксаран ба тарзи сатри равон тавассути дастгоҳи Title Box Full пахш карда мешавад, ки ба воситаи он имконияти ҷойгир намудани вазъи обу ҳаво, логотипи шабакаи телевизионӣ, матн ва ғайраҳо мавҷуд мебошад. Телевизионҳои давлатии

Тоҷикистон таҷрибаи истифодаи барномаҳои мазкурро аз Федератсияи Русия (аз ҷумла шабакаи “Россия 1”) омӯхтаанд, ки аксари телевизионҳои ин кишвар низ аз чунин барномаҳо истифода менамоянд. Дар ҳангомаҳои бавуҷудомадаи соли 2009 ҷиҳати эътимод бахшидан ва ором намудани омма муҳиммият ва нуфузи сатри равон маълум гардид, ки бо эълони дурӯғ будани овозаи заминҷунбӣ дар кишвар мардум ба хонаҳояшон ҷобаҷо гардиданд.

Миёни муҳаққиқон дар мавриди хроника ва хабар баъзан тафовут гузошта мешавад. Ба қавли муҳаққиқ Суҳроби Мирзоалӣ, “Хислати асосии жанри хроника мухтасарбаёнист ва маҳз бо ҳамин хусусияташ аз хабар фарқ мекунад”[1]. Ҳарчанд ӯ таркиби хроникаро аз 4 то 10 ҷумла иборат медонад, вале дар шароити телевизиони “Тоҷикистон” хроника аз як ибора ё ҷумла беш нест. Дар барномаи “Ахбор”-и телевизиони “Тоҷикистон” хроника барои расонидани иттилои дохиливу хориҷӣ, эълону огоҳиномаҳо ва баъзан рекламаҳо истифода шуда, тариқи титр пешниҳод мегардад ва сарчашмаи маълумот низ барои бинанда аён аст: Дар минтақаи Забайкалскийи Федератсияи Русия 3 ҳолати сӯхтори ҷангал ба қайд гирифта шуд (www.vesti.ru), Дар шаҳри Парижи Франсия 35 нафар барои бетартибиҳои гурӯҳӣ боздошт гардиданд (www.evronews.com) [2].

Тайи ду соли охир ба телевизиони “Тоҷикистон” ҳамчунин сатри равон дар шакли ду сатр роҳ ёфтааст, ки дар сатри поёнӣ иттилоъ ва дар болоӣ шиор ва даъватномаҳо, ба монанди “Истифодаи самараноки қувваи барқ масъулият аст!”, “Забон ҳастии миллат ва бақои давлат аст!”, “Омодагӣ ба мавсими сармо –тадбири муҳим!” [3] нашр мешаванд. Пахши чунин шиоргунаҳо ба масъалаҳои ҷойдоштаи ҷомеа алоқаманд буда, мавзӯъҳои тоза нигоҳ доштани забон, истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи арзишҳо ва муқаддасоти миллиро бештар фаро мегиранд. Баъзан ҳолати омехтаро низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки хроникаи хабарӣ бо хроникаҳои характери тарбиявидошта пайиҳам пахш мешаванд. Масалан, нашри 19. 10. 2017 (“Ахбор”) дар сатри болоии экран ҳам иттилоъ ва ҳам шиоргунаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст: “Ҷавонон –созандагони имрӯзу фардои Ватан!”, “Танзим ба зиндагӣ баракат меафзояд!”, “Испания: боришот ва обхезии шадид”, “Душанбе:  беш аз 70 майдонча бунёд шудааст!”

Дар барномаи “Навид” хабарҳои нашргардида ва баъзан нав, вазъи обу ҳаво, эълону огоҳиномаҳо, реклама ва монанди ин ба таври титри ҳаракаткунанда бо забони тоҷикию русӣ пешниҳод карда мешаванд, ки баръакси барномаи “Ахбор” манбаи хабарҳо зикр

[1]Мирзоалӣ С. Хабар: аз машриқ то ба мағриб. – Душанбе,  2009. - С.136.
[2]Барномаи иттилоотии “Ахбор”, пахши 31. 03. 2017.
[3]Барномаи иттилоотии “Ахбор”, пахши 20.10.2018.

намегардад. Чунончи, дар бобати офати табиӣ (алангаи оташ) дар Португалия [4] хабар дода шуда, сарчашмаи он зикр нагардидааст.

Дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои Тоҷикистон, аз ҷумла телевизиони “Сафина” ва телевизиони “Тоҷикистон” истилоҳи гузориш ниҳоят серистеъмол аст, ки баъзан хабари васеъ, репортаж, ҳисобот ва сюжет таҳти ҳамин унвон пахш карда мешавад. Ҳатто, баъзан як мавод бо ду ном пешниҳод мегардад. Масалан, натток  Дилафрӯз Комилзода аз ҷараёни ҷамъомад дар ноҳияи Восеъ ҷиҳати фаҳмонидани моҳияти Паёми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронда зикр мекунад: “Шарҳи навбатии барнома дар ҳамин хусус омода шудааст”. Хабарнигорон мавзӯъро идома дода, дар хотима онро гузориш меноманд: “Гузориши Хоҷа Назриев, Худойназар Зуҳуров аз ноҳияи Восеъ барои барномаи иттилоотии “Навид”[5].

Ба назари мо, истифодаи истилоҳоти соҳавӣ монанди сюжет, репортаж, ҳисобот ва монанди ин дар амалияи телевизион низ роиҷ гардад, афзалият дорад, зеро, аз як тараф, ҷараёни фаъолияти журналист ба низоми муайян медароянд, аз ҷониби дигар, сатҳи дониш ва дарки тамошобинон низ ба маводи журналист мушаххас мегардад.

Усулҳои таҳияи сюжет аз истифодаи сабкҳои гуногуни навор, интершум, графика, расм ва монанди ин иборат аст, балки “дар таҳияи сюжет истҳо, шеваи талаффуз, интершум ва монанди ин аз сергапии журналистон дида муҳимтар аст” [6].

Фасли дуюми боби якум – **“Рушди техникаву технологияи замонавӣ ва ташаккули усулҳои нави таҳияи барномаҳои иттилоотӣ”** марҳилаҳои ташаккул ва рушди технологии телевизиони “Тоҷикистон” ва “Сафина”-ро фаро мегирад. Аз тадқиқу пажуҳишҳо аён мегардад, ки дар марҳилаҳои аввали фаъолият телевизиони “Тоҷикистон”  бинобар норасоии воситаҳои техникӣ ва кормандони эҷодӣ бо мушкилоти зиёде рӯбарӯ гардид. Аммо  аз соли 1980 телевизионро таҳаввулоти техникӣ фаро гирифта, давра ба давра воситаҳои техникӣ ҷойи ҳамдигарро иваз карданд (СВХС, ПАНАСОНИК 20, ПАНАСОНИК 455, TASCAM, ВЕТАСАМ, БЕТАКАМ СП, МИНИ ПТС), ки дар ин замина барномаҳои гуногунмуҳтаво ва гуногунжанр таҳия ва манзури тамошобинон мегардиданд. “Аввали солҳои 1980-ум иваз намудани дастгоҳҳо барои сабту танзими барномаҳо дар студияи якум АСБ - 4 «Перспектива»-и ранга гузошта шуда, дастгоҳҳои дукамеравӣ дар студияҳои дуюму сеюм ҷой дода шуданд. Кормандон бо камераҳои телевизионии журналистӣ (ТЖК) таъмин гардида, барои танзиму пахши оҷилии барномаҳо шароити

[4]Барнома иттилоотии “Навид”, пахши 19.10.2017.
[5]Барнома иттилоотии “Навид”, пахши 08.02.2017.
[6]Закадровый текст: скажите необходимое и замолчите // http://voxfree.narod.ru/journ/journ_060321.html.

мусоид фароҳам гардид”[7]. Дар ин ҷараён нақши аввалин муҳандисони баландихтисосу ботаҷриба Г. А. Ракошитс, М.С. Солиев, В. С. Борисенко ва чанде дигарон дар ташкил ва пешбурди таҷҳизоти техникаи телевизиони “Тоҷикистон” назаррас аст.

Ҳамин тариқ, шурӯъ аз соли 2006 ширкатҳои радиоӣ ва телевизионии мамлакат вазифадор шуданд, ки то соли 2015 пурра ба пахши рақамӣ гузаранд. Таҷрибаҳои аввалини телевизиони “Тоҷикистон” ҷиҳати гузаштан ба пахши рақамӣ аз соли 2004 оғоз меёбад. Дар соли 2005 ба воситаи 5 компютери нисбатан пуриқтидор идораи ахбор ба пахши рақамии HD гузашт. Сабти барномаҳои дигар дар формати DV SP, DVCAM (ғунҷоиши кадр 720/576, 25 кадр дар 1 сония) сурат мегирифт.

Аввалин барномаи компютерии барои танзими ғайрихаттӣ истифодашуда (дар телевизиони “Тоҷикистон”) Adobe Premiere 1,6 мебошад. Баъдан, бо зина ба зина такмил ёфтан ва таҳия шудани версияҳои нави ин барномаҳо – Adobe Premiere Pro 1,5, 2, 3... аз Vegas Pro низ истифода гардидааст. Ҳамчунин версияи навтарини Adobe Premiere Pro CC 2017 низ дар телевизиони “Тоҷикистон” ба кор бурда мешавад, ки имкониятҳои ин барнома ниҳоят васеъ аст. Сифати сабт ва коркарди барномаҳо бошад, аз HD ба Full HD гузашта истодааст.

Дар телевизиони “Сафина”, ки таърихи пайдоиши он ба замони соҳибистиқлолии кишвар рост меояд, аллакай таҷҳизоти навтарин роҳандозӣ гардида буд. Дар аввали ба фаъолият пардохтан кормандони телевизиони “Сафина” аз танзими хаттӣ, сабти DV SP, DVCAM (ғунҷоиши кадр 720/576, 25 кадр дар 1 сония) самаранок истифода менамуданд. Шурӯъ аз соли 2005 зина ба зина ба формати HD ворид гардиданд, ки имкониятҳои он фарох мебошад.

Аз ин номгӯ барномаҳои компютерии ширкати Adobe Systems нуфузи бештар дошта, аксари телевизионҳои кишварҳои пешрафта аз имкониятҳои он истифода менамоянд. Аз ҷумла, ширкати телевизионии BBC ва аксари телевизионҳои давлатии Федератсияи Русия бо ин барнома кор мекунанд.

Имрӯз дар идораҳои танзими барномаҳои иттилоотии телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Сафина” танзимгароне чун Сангинмурод Иброҳимов, Мақсад Мақсадов, Саъдӣ Азизов, Раъно Амирова, Беҳрӯз Раҷабов, Алиҷони Ҳасан, Гулнора Солеҳова ва дигарон фаъолият менамоянд, ки дар ҳар як шаш моҳ дар академияи ВАО бозомӯзӣ мекунанд.

**«Нақши наворбардор ва танзимгар дар таҳияи барномаҳои иттилоотӣ»** унвони фасли сеюми таҳқиқот буда, он дар хусуси хизмати

[7] Телевизиони “Точикистон” // https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A2%D0%92 %D0%A2%D0% BE%D2%B7% D0%B8% D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD.

коргардонҳо ва танзимгарон дар омода гардидани барномаи иттилоотӣ баҳс мекунад.

Наворбардор барои баланд бардоштани нуфузи ҳар шабакаи телевизионӣ нақши муассир дорад. «Оператор чашм ва гӯши бинанда аст. Наворбардорони таҷрибадор метавонанд, воқеаро чунон сабт кунанд, ки ҳатто шоҳидони он дар экран лаҳзаҳоеро дида тавонанд, ки дар ҷойи ҳодиса надида буданд [8]. Ҳамчунин дар ҷараёни фаъолият ташаббуси эҷодӣ нишон додани наворбардор (оператор) ба шаклгирии мавод таъсир мерасонад.

Вобаста ба ин барои муайян намудани риояи талаботи идораҳои ахбори телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Сафина" уҳдадориҳои наворбардорро дар маҷмуъ зикр кардан бамаврид аст:

– Аз наворбардор ба ғайр аз донистани имкониятҳои техникӣ, ҳамчунин дониши эҷодӣ талаб карда мешавад;
– Фаъолмандӣ ва ташаббускории наворбардор имконият медиҳад, ки кори хабарнигор бомуваффақият анҷомад;
– Дониши кифояи асосҳои фаъолияти эҷодӣ ва техникии камера. Ба ғайр аз дониши тахассусӣ огоҳӣ аз малакаи ҳайати корӣ (коргардонӣ, муҳаррирӣ, танзимгарӣ ва ғ.) ба манфиати наворбардорон аст;
– Мустақилона бартараф карда тавонистани норасоиҳои ҷузъии дастгоҳи наворбардорӣ дар ҳолатҳои зарурӣ: аз назар гузаронидани коршоямӣ ва пуррагии дастгоҳи наворбардорӣ (камера, баландгӯяк, сепоя ва монанди ин) пеш аз баромадан ба сабт. Аз назар гузаронидани менюи экрани камера (масалан, дуруст кардани вақту замон, санаи рӯз ва сабти санҷишӣ (генератори хатҳои ранга (ГЦП) ва санҷиши сабти овоз, тавозуни рушноӣ бо ҳолати техникии дастгоҳ (наворбардор бояд ҳамеша бо худ коғази сафед ё ашёи коғазро ивазкунанда дошта бошад), гирифтани кадри фокусӣ ва ғ.;
– Пеш аз баромадан ба наворгирӣ дар ҳамкорӣ бо хабарнигор фаҳмида гирифтани мавзӯъ ва мақсади сенария, инчунин равшан намудани ҳадафи журналист дар мавриди тарзи гузаронидани сабт. Ҳатто намуди зоҳирии наворбардор вобаста ба маҳал ва ҷойи сабт ба инобат гирифта мешавад (масалан, агар наворбардорӣ аз ҷаласаи ҳукуматӣ сурат бигирад, сарулибоси расмии оператор хатмист ва баръакс, ҳангоми сабти тамбашавии роҳҳо наворбардор имконият дорад, бо либоси муқаррарӣ ба кӯча барояд ва ғ.);
– Мувофиқат кардани ҳар як плани навор бо овози табиии он ҳатмист;
– Садои хабарнигор ва мусоҳибон дар роҳи якуми овоз ва интершум дар роҳи дуюм ба воситаи микрофони дар камера насбшуда, ба таври автоматӣ сабт мегардад;
– Истифодаи сепоя дар мавридҳои имконпазир ҳатмӣ дониста мешавад;

---

[8] Стейнли П. Гузориши телевизионӣ. –Душанбе, 2000. - С.29.

- Ҳангоми наворбардории дастӣ тамоми кӯшиш барои риоя кардани стандарти сабт тавассути сепоя равона карда мешавад. Дар айни замон давомнокии ҳар як намуди кадр на бояд камтар аз 6 сония бошад;
- Истифодаи ҳолати дур ва наздикнамоӣ («наездов-отъездов») бояд мақсаднок бошад.
- Пеш ва баъд аз сабт намудани ҳолати дуру наздикнамоӣ то 6 сония навори статикӣ бардоштан лозим аст. Суръати ҳаракати дур ва наздик кардани навор якхела буда, дар ҳолати наздик овардан, дур кардани он талаб карда мешавад. Ҳамчунин дар ҳолати суръат бахшидани ҳаракати сабт наворҳо нолозим мегарданд (ин имконияти техникӣ дар таҳияи барномаҳои иттилоотӣ аҳёнан истифода мегардад).
- Навори панорама дар ҳолатҳое истифода бурда мешавад, ки барои тамошобин имконияти додани маълумоти нав – иловагиеро дошта бошад. Мисли навори дур ва наздикнамоӣ пеш ва баъд аз сабти панорама то 6 сония кадри статикӣ бардошта мешавад. Агар панорама аз нуқтаи А ба нуқтаи В сабт гардад, наворбардорро зарур аст, ки ҳамин гуна сабтро аз нуқтаи В ба нуқтаи А такроран навор гирад. Суръати ҳаракати камера дар ин навъи навор мунтазам ва ҳамвор сурат мегирад ва монанди ин.

Ҳамин тариқ, наворбардор, дар ҳолате ки рафти воқеа ба охир нарасидааст, камераро хомӯш намекунад. Масалан, вақте ки дар кадр навори мошин аст, наворбардор то гузашта рафтани мошин аз кадр мунтазир мешавад.

Дар вақти сабти мусоҳиба низнаворбардор ба мусоҳиб имконият медиҳад, ки фикрашро то ба охир баён намояд. Илова бар ин ҳангоми сабти мусоҳиба ӯро дар манзарае ҷойгир мекунад, ки дар баробари ба муҳтавои мавод алоқаманд будан, фазои давомдор (глубина) дошта бошад.

Дар пахшҳои мустақими барномаҳои “Ахбор” нақши коргардонҳои овоз ва коргардони навор назаррас аст. Масалан, дар пахши 14-июни соли 2013 барқияи табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳасани Рӯҳонӣ дар ҷараёни пахши ахбор ба студия дастрас гардид. Коргардон Сафарбек Ҳасратзода онро сареан дар бастаи хабарҳо ҷойгир намуда, тавассути суфлер пешниҳод намуд, ки натто̣қ Фахриддин Нурматов бе тайёрии пешакӣ онро қироат кард. Пахши мустақим ҳамчунин тавассути шабакаи интернет (Wi-Fi, Wi-Max, 3G, LTE), ки телевизионҳои мавриди таҳқиқи мо сети ягона доранд, васеъ истифода мегардад. Бахусус, аз ҷараёни сафарҳои Президенти мамлакат ба хориҷи кишвар чунин усули пахши иттилоъ истифода мегардад.

Видеомонтаж яке аз марҳилаҳои асосии коркарди мавод ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷузъиёти гуногун ва парешони мавод ҷамъ оварда шуда, мантиқан яклухт карда мешавад. Ин ҷараён дар асоси сенарияи

мавод, диди коргардонӣ, ҳадафи журналистӣ сурат гирифта, композитсияи он дар асоси имкониятҳои техникӣ ба роҳ монда мешавад.

Агар хабарнигор дар алоҳидагӣ аз уҳдаи танзими барнома баромада тавонад, мақсади худро рӯшантар ифода мекунад, зеро дар забони видеонавор ҳар як кадр маънои махсус дорад ва хабарнигор бо он мақсадашро маҳз зимни танзими бевосита беҳтар пайгирӣ карда метавонад.

Дар идораҳои ахбори телевизионҳои мазкур фаъолият омехта аст. Баъзан танзимгарон дар алоҳидагӣ, баъзан бо хабарнигорон ва дар мавриди дигар худи хабарнигорон танзими барномаву хабарҳоро анҷом медиҳанд. Аз тадқиқ аён мегардад, ки тайи ду соли охир 60-70 дарсади хабарнигорон хабару сюжетҳояшонро мустақилона танзим менамоянд ва натиҷаи фаъолияти онҳо аз кори танзимгарон чандон тафовут надорад.

Мақсади танзим на танҳо нишон додани ҳодисаву воқеаҳост, инчунин ба дарк ва қабули аудитория расонидани моҳияти мавзӯи инъикосшаванда, инчунин шоҳиди навгонии дигар гардонидани тамошобинон аст. Вазифаи асосии танзим ҷобаҷогузории дурусту мантиқии кадрҳо ҷиҳати ҷалб кардани тамошобин ва таъсир расонидан ба шуури он мебошад. Ба таъбири Э. Линдгрен, “Далели асосии таъсири психологии танзим ҳамчун усули тасвири олами моддӣ дар он аст, ки дар тафаккури мо ҷараёнеро ба вуҷуд меорад ва зимни он як образи тамошобин ба тамошобини дигар вобаста ба таваҷҷуҳамон ба ин ё он ҷузъиёти атроф тағйир меёбад” [9].

Дар амалияи телевизион мафҳуми танзим ба ду маъно: сохтори барномавии шабакаи телевизионӣ (идораи танзим) ва ҷараёни фаъолияти техникӣ барои омода кардани маводи телевизионӣ дар доираи ин ва ё он жанр фаҳмида мешавад. Мафҳуми “танзим” аз забони фаронсавии “montage” - “ҷамъоварӣ”, “пайвастсозӣ” гирифта шудааст.

Аз ҷиҳати имкониятҳои техникӣ 3 намуди танзими навор мавҷуд аст: 1. Хаттӣ; 2. Ғайрихаттӣ; 3. Гибридӣ.

*Танзими хаттӣ* ба воситаи видеомагнитофонҳои махсус анҷом дода мешавад ва барои он барномаи хотиравии компютерӣ лозим намеояд. Ин гуна видеомагнитофонҳо махсус барои фиттаҳо таҳия карда шудаанд, ки аз яке ба дигаре танзим карда, гузаронида мешавад. Ҳамчунин ин магнитофонҳо имконияти ороиши кадрҳо ва илова намудани эффектҳои видеоиро низ доранд.

Дар идораҳои ахбори телевизиони “Тоҷикистон” ва телевизиони “Сафина”, ки ба пахши рақамӣ гузаштаанд, аз ин навъи танзим истифода

---

[9] Монтаж: язык, склейки // http://millionsbooks.org/book_160_glava_6_4._MONTAZH:_JAZYK_SKLEJKI.html .

намешавад. То соли 2015 аз ин навъи танзим истифода мегардид. Дар шароити феълӣ чунин навъи танзим кор бурда намешавад.

*Дар танзими ғайрихаттӣ* навор аввал ба компютер ворид карда шуда, баъдан ба воситаи барномаҳои махсус ҷобаҷогузорӣ карда мешавад. Дар телевизионҳои мазкур аз ин навъи танзим васеъ истифода менамоянд. Аз ҷумла, танзимгарон барномаҳои компютерии Adobe Premiere Pro ва Vegas Pro-ро барои ҷобаҷогузории барномаҳо истифода мебаранд. Имконияти танзим ва ороиши барномаҳо дар ин намуди танзим вобаста ба версияҳои такмилёфтаи онҳо васеъ ва гуногун аст. Дар нашри 07.05.2018 барномаи иттилоотии“ Ахбор[10] дар танзими сюжети ба ҷараёни “Салафия” гаравида шудани шаҳрвандони тоҷик, аз гузариш (переход)-ҳо ва *Slow-motion* - суст кардани суръати табиии ҳодисаҳо (дар кадрҳои гаштугузори шаҳрвандон ва пош хӯрдани қатраҳои борон ба ҳар тараф) истифода гардидааст, ки хоси баномаи иттилоотӣ нест. Ин гузориш дар ҳамкорӣ бо маркази робитаҳои ҷамъиятии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст ва аз он таъсир пазируфтааст.

*Танзими гибридӣ* бартариятҳои ду навъи танзими болоиро дар худ дорад (системаи танзими навори ғайрихаттӣ ба ҷойи сарчашмаи навор мегузарад). Бо назардошти пурра муҷаҳҳаз набудани технология бо формати HD дар телевизиони “Тоҷикистон” ва телевизиони “Сафина” азин навъи танзим истифода мегардад (ба ғайр аз идораи барномаҳои ахборӣ). Масалан, магнитофон ба компютер пайваст карда шуда, сабт аз фитта ба хотираи компютер гузаронида мешавад. Пас аз танзим маводи тайёр аз нав дар фитта сабт мегардад. Дар телевизиони тоҷик бо гузаштан ба пахши рақамӣ зина ба зина ин тарзи танзим аз миён рафта истодааст. Бахусус, идораҳои ахбори телевизиони “Тоҷикистон” ва телевизиони “Сафина”, ки аллакай вориди системаи фаъолияти рақамӣ гардидаанд, аз танзими гибридӣ истифода намебаранд.

Системаи асосии танзим дар ду намуди танзими видеоӣ ифода мегардад:

1. *Танзими муқаррарӣ (равон)*-е, ки бо истифода аз намудҳои гуногуни кадр мақсадро пурра ва равшан ба тамошобин мерасонад. Дар чунин сюжетҳо барои тамошобин донистани қаҳрамон ва ҷойи воқеа аён аст. Барои мисол, боздиди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз роҳи навсохти Ваҳдат - Ёвон[11], ки бо кадрҳои дур, миёна ва пурра танзим гардидааст, барои тамошобин муайян ва равшан мебошад.

2. *Танзим бо истифода аз имкониятҳои техникӣ.* Дар чунин намуди танзим аз имкониятои техникӣ – эффектҳои видеоӣ васеъ истифода

[10]Барномаи иттилоотии “Ахбор” // https://www.youtube.com/watch?v=yEGE6VHGXNs.
[11]Барномаи иттилоотии “Навид”, пахши 14.04.2011.

мебаранд. Истифодаи ин имкониятҳо, аз як тараф, барои ҷалби тамошобинон, аз тарафи дигар рупӯш кардани камбудиҳои дар навор ҷойдошта, ҳамчунин дарк кунонидани масъалаҳои баррасишаванда мебошад.

Ба тариқи мухтасар уҳдадориҳои танзимгарро чунин тавсиф кардан мумкин аст:

– тайёрӣ барои танзими барнома бо журналист ва ё коргардон;

– шиносоӣ бо сенарияи барнома ва маводи сабтшуда;

– интихоби кадрҳои лозима;

– назорат кардани овоз ва ба ин васила сохтани образи материал.

Дар фаъолияти амалӣ танзимгарро коргардони танзим низ ном мебаранд. Барои танзимгарон дар ҳама ҳолат бо суръати тез, дар айни замон босифат кор карда тавонистан лозим аст. Коргардони танзим дар шароити муосир донандаи хуби техника ва технологияи фаъолият, барномаҳои гуногуни барои танзим истифодашаванда мебошад. Донистани назарияи коргардонӣ, коргардонии овоз, санъати наворбардорӣ ва монанди ин аз коргардони танзим тақозо карда мешавад.

Амалан як қатор қонуниятҳои танзим вуҷуд доранд:

– пайгирии мантиқӣ ва воқеии рӯйдод (пайгирии пайдарпайи рӯйдод, эпизодҳо, пайдо гардидани қаҳрамонҳои дигар: тамоми ин ҷузъиёт тарзе алоқаманд карда мешавад, ки воқеиятро инъикос намояд. Дар асоси ин, таассурот ва образи якхела дар тасаввури тамошобинон ба вуҷуд ояд);

– таҳмили равонӣ (тамошобин яку якбора тамоми ахборро гирифта наметавонад, балки барои дастрас кардани маълумоти пурра то охири барнома интизор мешавад, ҳар як навор дар худ маънои махсусеро нигоҳ медорад).

– ташаккул ва инкишофи ҳолати нақшофарӣ дар мавод (ҳар як кадр ҷузъиётеро ифода мекунад, ки тамошобин иттилооти нав гирад, гуногунии навор, аз як тараф, пурра нишон додани ҳолати ҷойдошта бошад, аз ҷониби дигар, тамошобин мақсадеро пайгирӣ мекунад, ки журналист муаллифи он аст).

Усулҳои ҷобаҷогузории мавод аз инҳо иборатанд: аз нуқтаҳои гуногун нишон додани объект; нигоҳ доштани алоқамандии байни кадрҳо; аз нуқтаҳои гуногун нишон додани саҳнаи амалиёт; корбурди бамавқеи кадрҳои ҷузъӣ; ҷобаҷогузории дуруст дар инъикоси якчанд ҳодисаи як замон бавуҷудомада; танзими мантиқии ҳодисаҳои ба ҳамдигар муқобил; муқоисагузорӣ ва умумиятбахшӣ; танзими санҷишӣ (дубора).

Фаъолияти кормандони техникӣ – наворбардорон ва танзимгарон низ дар шаклгирии ҳама гуна барномаҳои телевизионӣ таъсиргузор буда, масъулияти зиёдро ба дӯш доранд. Масалан, дар танзими пайгирона наворбардор ба сифати мушоҳидачӣ (назоратчӣ) қаҳрамонро пайгирӣ мекунад ва қасди ӯро пай бурданӣ мешавад. Он як тарзи ҷалби тамошобинон ба ҳисоб меравад, ки ин усули сабтро танзимгар низ дар

ҷараёни коркарди мавод бетағйир нигоҳ медорад. Дар барномаҳои хабарӣ чунин ҳолатро дар воқеаву ҳодисаҳои ногаҳонӣ, ғайричашмдошт ва дар айни замон муҳим, ки пахши мустақим аст, истифода мебаранд. Ин усули сабт ва пахши барнома солҳои охир ба телевизиони тоҷик роҳ ёфтааст. Масалан, телевизиони "Тоҷикистон" ва телевизиони "Сафина" гузоришҳоеро аз фаъолияти пинҳонкоронаи муллоҳои риёкор пахш намуданд [12], ки ба чунин навъи танзим мувофиқ меояд. Дар ин усули таҳия наворбардор ба ҳайси мушоҳидачӣ қаҳрамонро пайгирӣ намуда, амалу ҳаракати онро ошкор месозад. Дар маводи мазкур ҷараён пурра пешниҳод шуда бошад ҳам, дар тарзи сабт ва танзими он камбудиҳо ҷой дорад. Истифодаи сабти дохилӣ, ки дар он авҷи амалиёт сурат мегирад, дар шакли як плани статикӣ бояд сабт гардад. Дар маводи мазкур наворбардор якчанд навъи кадр, аз ҷумла дуру наздикнамоӣ (отъезд наезд)-ро истифода намудааст, ки тамошобин ба воқеӣ будани ҳолат шубҳа менамояд.

Ҳамин тариқ, дар системаи телевизион аз намудҳои гуногуни танзими мавод истифода бурда мешавад, ки танзимгарон имконият доранд, аз он бархӯрдор бошанд. Дар баробари ин, наворбардорон низ масъул гардонида мешаванд, ки барои осон ва муваффақона анҷомидани фаъолият дар баробари танзимгарон аз усулҳои гуногуни монтажи видеоӣ огаҳ бошанд.

Боби дуюми рисола **«Умумият ва тафовути барномаҳои иттилоотии телевизиони «Тоҷикистон» ва «Сафина»»** номгузорӣ шуда, дар бобати умумият ва тафовути барномаҳои «Ахбор» ва «Навид» баҳс мекунад.

Фасли аввали боби дуюм – **«Ахбор»-и телевизиони "Тоҷикистон" ва вижагиҳои он»** усулҳои пахши барномаи иттилоотӣ дар телевизиони "Тоҷикистон"-ро баррасӣмекунад.

Дар телевизиони "Тоҷикистон" ҷадвали пахши барномаҳои иттилоотӣ ҳамарӯза бо чор забон: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва арабӣ сурат мегирад. Ахбор бо забони узбекӣ танҳо рӯзҳои шанбе пахш карда мешавад. Ин ҷадвал аз соли 2000-ум ин ҷониб роҳандозӣ гардидааст. Барномаи "Ахбор"-и телевизиони "Тоҷикистон" тӯли як даҳсолаи охир ба масоили гуногуни иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, вобаста ба соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, иҷтимоъ ва варзиш гузоришу ахбори муҳимро ба таваҷҷуҳи аудиторияи худ мерасонад, аммо дар бойгонии идораи ахбор танҳо ҳамон маводи хабарие нигоҳ дошта мешавад, ки хусусияти сиёсӣ-давлатӣ дорад.

Айни замон ҷадвали пахши барномаҳои хабарӣ чунин аст: Дар телевизиони "Тоҷикистон" тӯли як шабонарӯз 11 нашри хабарӣ пахш карда мешавад. Аз ҷумла, соати 8 ахбор бо забони тоҷикӣ, соати 12 низ бо

[12]Барномаҳои иттилоотии "Ахбор", "Навид", 2016 // https://www.youtube.com/watch?v=bFuRS18inTk.

забони тоҷикӣ, соати 14 бо забони арабӣ ва соати 15 бо забони англисӣ, соати 16 пахши хабарҳои хориҷӣ бо забони тоҷикӣ, соати 18 бо забони тоҷикӣ, соати 19 бо забони русӣ, соати $20^{30}$ нашри муфассали ахбор бо забони тоҷикӣ, соати 22 бо забони тоҷикӣ, ҳамчунин соати 24 бо забони тоҷикӣ пахш карда мешавад. Пахши хабарҳо такроран сурат гирифта, дар як шабонарӯз соатҳои12, 18, $20^{30}$ иттилооти нав ба бинандагон расонида мешавад ва он дар дигар вақтҳои зикргардида такроран пахш карда мешавад.

Аммо вобаста ба ҳолату вазъият нашри хабарҳо метавонад тағйир ёфта, шумораи он зиёд карда шавад. Масалан, дар арафаи ҷашни Наврӯз гузоришу хабарҳои тоза дар нашрҳои шабонарӯзӣ зиёдтар ба назар мерасад ва ё зимни сафарҳои Президенти мамлакат ба ин ва ё он минтақаи кишвар низ зиёд шудани шумораи нашри иттилоъ мушоҳида мегардад. Дар чунин ҳолатҳо нашрҳои иловагӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ пахш мешаванд.

Моҳиятан мундариҷаи барномаҳои хабарии телевизиони тоҷик (бахусус, барномаи иттилоотии "Ахбор" ва "Навид")-ро бештар масоили мухталифи дохили мамлакат ташкил менамояд, ки асосан тарғибкунандаи фаъолияти ҳукумату давлат мебошад. Дар ин самт нақши хадамоти матбуотии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дафтари матбуотии ВКД низ калон аст.

Муҳаррири маводи иттилоотӣ ҳангоми сабт ва танзими барнома бевосита иштирок намуда, барои мукаммал ва боварибахшу ҷолиб нишон додани объект саҳм мегузорад. Ин ифода дар гузорише, ки Сарвинози Сухроб омода намудааст, татбиқ мегардад. Мавзӯи гузориш талабандагии наврасону кӯдакони шаҳри Душанбе буда, журналист тавонистааст, бо бархе аз онҳо суҳбат намуда, дар ҳамкорӣ бо кормандони амният муайян намояд, ки қисме аз талабандаҳо на аз ноилоҷӣ, балки барои ба даст овардани даромади муфт ба ин гуна амалҳо машғул мегарданд: "Дар шаш моҳи соли 2015-ум 244 маротиба амалиёт гузаронида шуд, ки дар натиҷа 1750 нафар ноболиғон бо кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ба мақомотҳои корҳои дохилӣ дастрас гардиданд, ки аз ин шумора 162 нафарашон бо сабаби талабандагӣ дастгир гардидаанд"[13].

Дар муқоиса ба ин Наврӯзшоҳи Азизулло доир ба истифода додани мактаби миёнаи №32 дар ноҳияи Айнӣ гузориш таҳия намудааст, ки ин воқеа барои тамоми мардуми кишвар ҷолиб буда наметавонад, зеро доираи аҳамиятнокии чунин хабарҳо маҳдуд аст. Он маҳз барои сокинони ҳамон минтақа ё маҳалле арзишманд аст, ки фарзандонашон минбаъд дар ин мактаб таҳсил мекунанд.

Бояд зикр кард, ки ҷиҳати таъмин намудани ҷолибияти навор ва ҷалби нигоҳи тамошобин объекти тасвиршаванда дар маркази навор,

---

[13]Барномаи иттилоотии "Ахбор", пахши 13. 06. 2015.

қисми асосиро ташкил мекунад. Баъзан акси ин қоида мушоҳида мешавад, вале он дар ҳолати навори фаврӣ, таъҷилӣ, ки барои наворбардор имконияти дигарбора бо қаҳрамон вохӯрдан имконнопазир бошад, ҷоиз аст. Яъне, дар наворҳои фаврӣ, ки маъмулан наворбардор имконияти аз сепоя истифода кардан намеёбад, ба чунин ҳолат роҳ додан имкон дорад. Пас, наворбардор вазифадор аст, ки ҳама гуна ҳолатҳои ғайричашмдоштро ба назар гирад ва ба он омода бошад.

Дар фасли дуюми боби дуюм – **«Махсусияти таҳияи барномаи иттилоотии «Навид»** барномаи иттилоотии телевизиони "Сафина" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин шабака мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №308 аз 22 августи соли 2005-ум таъсис ёфта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассиси расмии он маҳсуб меёбад. Санаи 03.09.2005, соати 8 аввалин барномаи телевизионӣ тариқи эфири ин шабакаи телевизионӣ пахш гардид, ки ровии он Нуралӣ Шоқурбонов буд.

Дар муқоиса ба телевизиони "Тоҷикистон" Муассисаи давлатии телевизиони "Сафина" дар замони истиқлолият арзи ҳастӣ намуда, бо принсип ва талаботи ҳозиразамони воситаҳои коммуникатсионӣ фаъолияташро пеш бурда истодааст. Фарогирии мавҷи ин шабакаи телевизионӣ мувофиқи маълумоти оморӣ 84,6 дарсадро ташкил медиҳад. Муҳаррирон, мухбирон ва наттоқоне, ки дар ташкил ва пешбурди идораи ахбор саҳми назаррас доранд, Зубайдулло Каримов, Дилафрӯз Комилова, Рухшона Солиева, Нуралӣ Шоқурбонов, Набиҷон Ҳомидов, Хуршед Сафаров, Ширинҷон Сафарзода, Хоҷа Назриев, Фазлиддин Умарбеков, Хосият Худоёрбекова ва дигарон мебошанд.

